# ТАҚРИЗИ

муқаррризи расмӣ ба рисолаи номзадии **Шарипова Фотима Абдуфаттоевна** дар мавзӯи «**Рушди салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо (дар мисоли фанҳои математика ва физика)**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ)

Ҷомеаи муосир пешорӯи донишандӯзон талаботу тақозои ҷадидро мегузорад. «Хатмкунандаи доно» ба талаботи ҷомеа кайҳост ки ҷавобгӯ нест. Дар айни замон талабот ба "хатмкунандаи ӯҳдабаро, эҷодкор", ки самтҳои арзишҳояш ба таври возеҳ муайян аст, зиёд шудааст. Ҳаллу фасли масъалаи мазкурро ба зиммаи коллективи педагогӣ, ки бояд мутахассиси донандаи соҳаи худ бошад, вогузор мешавад. Вале агар сатҳи касбияти омӯзгорон ба талаботи муосир ҷавобгӯ набошад, ба натиҷаи баланди таълим, ки ба талаботи ҷомеа ва давлат ҷавобгӯ аст, умед бастан нашояд.

Омӯзгор бояд ба навоварӣ ва шакли ғайримуқаррарии баргузории дарс кӯшиш намояд ва бо ин дар таълимгирандагон малакаҳои мустақилона азхуд кардани донишро тарбия намояд, қобилияти муташаккилии шахсӣ бидуни маҷбуран бор кардани ин ё он қолабро ташаккул диҳад, ба таълимгирандагон имконият диҳад, ки сатҳи азхудкунии маводро худашон интихоб намоянд.

Мактаби муосир на танҳо мутахассисеро, ки тавсияҳои методиро хуб медонад ва тарзи истифода бурдани онҳоро медонад, талаб мекунад, балки соҳибкасберо мехоҳад дошта бошад, ки ба шароити зудтағйирёбандаи фаъолияти касбӣ мутобиқ шавад, ба таври оқилона ба вазъияти таълимӣ вокуниш нишон диҳад, вазъияти ҷории таълимро дуруст арзёбӣ намуда, мушкилоти сершумори амалии вобаста ба таълим ва тарбияи донишҷӯён вобастабударо ҳаллу фасл кунад. Омодакунии анъанавии омӯзгори оянда, қабл аз ҳама, бо ҷамъоварии донишу малакаҳои психологӣ-педагогӣ ва фаннӣ-методӣ алоқаманд аст. Новобаста аз фаъолона ворид намудани

усулҳои тадқиқотӣ ба фазои таълимии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, мустаҳкамкунии ҷузъи методии фанҳои таълимӣ, ба корҳои илмӣ ҷалб намудани донишҷӯён, омодагии онҳо ба фаъолияти касбӣ дар маҷмӯъ тибқи маълумоти таҳқиқотҳои психологӣ-педагогие, ки дар солҳои охир гузаронда шудаанд, ҳоло ба талаботи зикршуда пурра ҷавобгӯ буда наметавонанд.

Яке аз самтҳои муосири чунин ҷустуҷӯ ба фазои таълимии донишгоҳи олии самти педагогӣ ворид намудани муносибати салоҳиятнок барои ташаккули омӯзгори ояндаи математика мебошад.

Салоҳияти касбии омӯзгори ояндаи математика – ин маҳорати бомуваффақият амал намудан дар заминаи таҷрибаи амалӣ, малака ва дониш дар ҳалли масоилу мушкилоти касбӣ мебошад. Ба вуҷуд омадани муносибати салоҳиятнок - як қонунияти муқаррарии рушди низоми маориф аст, ки аз ҷустуҷӯи роҳҳои ба ҳам омадани он ба ниёзҳои бомаром инкишофёбандаи ҷомеа мебошад. Муносибати зикршуда ба консепсияи салоҳиятҳо асос ёфтааст, ки дар фазои таҳсилоти муосир ба он ҳамчун асоси дар донишомӯзон дар баробари дониш ташаккул ёфтани қобилияти ҳалли муҳимтарин масоили амалӣ ва тарбияи шахсият дар маҷмӯъ таваҷҷӯҳ ва аҳамияти зиёд дода мешавад.

Мушкилоти ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгори ояндаи математика ҳамчун унсури инсонпарварона кардани таълими омӯзгорӣ дар замони муосир, бешакку шубҳа, мубраму ҳалталаб буда, аз талаботи воқеии ҷомеа нисбати омодакунии омӯзгорони ба рақобат тобовари соҳаи маориф, ки фаъолияти касбии худро дар шароити рушди технологияҳои олӣ босамар амалӣ мекунанд, вобаста аст.

Бо ин мақсад, қайд кардан зарур аст, ки мавзӯи интихоб намудаи унвонҷӯ Шарипова Фотима Абдуфаттоевна таҳти унвони «Рушди салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо (дар мисоли фанҳои математика ва физика)» мавзуи мубрам ва рӯзмарра ба ҳисоб меравад.

Рисолаи номзадии мазкур аз муқаддима, ду боб (ҳар як боб иборат аз 3 фасл), хулосаи бобҳо, хулосаи умумӣ, феҳристи адабиёт ва замимаҳо иборат буда, дар муқаддимаи рисола аз тарафи муаллиф оид ба мубрамияти мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ, тавсифи умумии таҳқиқот, мақсад, объект, предмет, фарзия ва усулҳои таҳқиқот, марҳилаҳои он, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишӣ, мӯътамадии натиҷаҳои диссертатсия, навгониҳои илмӣ, нуқтаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳо, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқотро фарогир буда, баррасӣ шудааст.

Дар **боби якум** таҳти унвони «**Муносибатҳои назариявӣ нисбати ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорониояндаи математика»** асосҳои назариявии салоҳиятнокии касбии омӯзгори фанни математика тавассути ҳамгироии фанҳо (дар мисоли фанҳои математика ва физика) барои такмили салоҳиятҳои асосии омӯзгори фанни математика зикр гардидаанд. Дар **фасли аввали боби якум** таҳти унвони **"Ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорониояндаи фанни математика чун мушкилоти педагогӣ"** ташаккули салоҳиятнокӣ аз нуқтаи назари мушкилоти илмӣ-педагогӣ баррасӣ гардида, дараҷаи мубрамияти ҳаллу фасли он муқаррар шудааст.

Дар **фасли дуюми боби якум**, ки **"Тавсифот ва мундариҷаи мафҳумҳои "ҳамгироии фаннӣ" ва "салоҳиятнокии касбӣ"** унвонгузорӣ шудааст, таърифҳо ва хусусиятҳои мафҳумҳои зикршуда мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Фалсафаи равиши босалоҳияти таҳсилоти олӣ вожагиҳои татбиқи онро муайян месозад. Амалисозии равиши босалоҳият дар машғулиятҳо аз фанни математика фарҳанги махсуси ҳамкории мутақобилаи омӯзгор ва донишҷӯро муайян месозад.

Дар **фасли сеюми боби якум** таҳти унвони **"Ҷанбаҳои методии ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорониояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо"** ҷанбаҳои методии салоҳияти

баррасишавандаи касбӣ тавассути ҳамгироии фанҳо мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Бояд қайд кард, ки татбиқи масъулиятноки таълими математика тақсимоти мундариҷа, фардикунонии он, таносуби онро талаб менамояд. Он бояд заминаи ошкор кардан ва инкишоф додани хислатҳои шахсияти донишҷӯро дар бар гирад. Мундариҷаи таълими математика – ин таҳкурсии таълим аст, аммо таҳкурсии шахшуда набуда, балки пайваста такмилёбанда аст. Дар доираи фасли мазкур мо ҷанбаҳои методии ташаккули салоҳиятнокии касбӣ тавассути ҳамгироии байнифаннии математика ва физика, инчунин фанҳои дигар, заминаи методие, ки ҷанбаҳои нави самти мазкурро муайян мекунанд, баррасӣ намудем.

Дар **боби дуюми** рисола, ки «**Таҳқиқи озмоишӣ ва арзёбии самаранокии методикаи таҳияшудаи ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо»** ном дорад, таҳлили сатҳи коркарди он мушкилотҳое, ки мо дар чаҳорчӯбаи назарияи педагогӣ баррасӣ мекунем, оварда шудааст. Фасли якуми боби дуюм **"Шартҳои педагогии ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо"** номгузорӣ шудааст.

Мушкилоти рушди касбии шахс, комёбшавӣ ва муваффақшавии ӯ, инкишофу нумӯъ ва омодагии эҷодӣ ба фаъолияти касбии минбаъда дар низоми таҳаввули инсон мушкилоти калидӣ ва муҳим маҳсуб мешавад. Раванди комёб шудани инсон ба маҳорати баланди касбӣ тавассути татбиқи қобилиятҳои эҷодии худ мавзӯи илми акмеология мебошад, ки дар солҳои 90-уми асри XX ҳамчун як фанни илмии мустақил ташаккул ёфтааст.

Омодагии касбии омӯзгори математика, ки ба талаботи давраи муосир ҷавобгӯ аст, танҳо дар асоси муҷтамеи равишҳои методӣ имконпазир аст. Муҳимтарини онҳо, ба ақидаи мо, равиши босалоҳият нисбати таълими донишҷӯ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ мебошад.

Вазифаи асосии муассисаҳои таҳсилоти олӣ омода намудани кадрҳои баландихтисос мебошад, ки дар худ малакаву маҳорати ҳалли масъалаҳои

мубрами илмӣ ва мушкилоти психологию педагогиро муттаҳид мекунад, зеро омӯзгори муосир бояд босалоҳият, аз ҷиҳати психологӣ ба фаъолияти касбии ояндаи худ омода бошад, инчунин соҳиби малакаи омодагӣ ва қобилияти истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди таълим бошад.

**Фасли дуюми боби дуюм "Технологияи ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо"** номгузорӣ шудааст.

Дар раванди таълими омӯзгорони ояндаи математика дар доираи фанҳои махсус бояд равиши ягонаи методиро нисбати ворид намудани маҳфумҳо риоя шавад. Дар амалия ин чунин маъно дорад, ки дар аввал мубрамияти маводи воридшаванда на танҳо аз нуқтаи назари мантиқи баёни мундариҷаи мушаххас¸балки мутобиқ ба он мушкилоте, ки барои пайдошавии он боис шуданд, шарҳ дода шавад. Ҳангоми таълими фанни математика донишҳои физикӣ васеъ истифода мешаванд, ки барои ошкор намудани асосҳои назариявии мафҳумҳои бунёдӣ заминаи муҳимро ташкил медиҳанд. Дар омӯзиши назарияи математикӣ, инчунин ҳангоми интихоби усулҳои омӯзиши онҳо шарҳи донишҳои математикӣ тавассути ошкор намудани асосҳои физикӣ воситаи аз ҳама самараноки аз худ намудани маводи таълимӣ мебошад.

**Фасли сеюми боби дуюм** таҳти унвони **"Арзёбии таҷрибавӣ-озмоишӣ ва самаранокии методикаи таҳияшудаи ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо"** озмоиши амалӣ ва илмии дар доираи тадқиқоти мазкур гузаронидашуда баҳо дода шудааст. Дар рафти озмоиш мо сатҳҳои ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони ояндаи математика: баланд, миёна ва пастро муайян кардем. Ҳар як сатҳ тавсиф дода шуда, низоми баҳогузорӣ муқаррар карда шудааст. Инчунин, дар рафти озмоиши педагогие, ки шаш сол давом кард ва дар гурӯҳҳои академӣ гузаронида шуд, мо се марҳиларо муайян кардем: а)пурсиш, б) ҳалли масъалаҳо, в)санҷиши мониторинг. Бо

мақсади баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони оянда тавассути ҳамгироии фанҳо дар фанни интихобӣ мо дастури методии таҳиякардаи худро бо номи «Асосҳои физикии мафҳумҳои асосии математикаи олӣ ва усулҳои омӯзиши онҳо»-ро истифода бурдааст.

Омӯзиш ва таҳлили назариявӣ ва амалӣ, кори таҷрибавӣ – озмоишӣ, коркарди микдорӣ ва сифатии натиҷаҳои он аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки корҳои таҳқиқотӣ оид ба рушди ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорониояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳоро ташкил медиҳанд.

Дар рисола кӯшиши ҷустуҷӯи шароитҳо ва технологияи педагогӣ, ки ба ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорониояндаи математика тавассути робитаҳои ҳамгироӣ дар раванди таълими муассисаҳои таълимиии олӣ ва дар ҷараёни гузаронидани озмоиши таҷрибавӣ педагогӣ мусоидат мекунад, пешниҳод шудааст.

Омӯзгори салоҳиятнокӣ математика омӯзгоре мебошад, ки қодир аст барои рушди бомуваффақияти ҳар як донишҷӯ, бо назардошти қобилият ва вежагиҳои инфиродӣ. барои рушди ва фаҳмидану қабул кардани вазифаҳои нави ҷамъияти ҳозира имконияти фароҳам овардани шароитҳоро медиҳад. Аз ин рӯ тарбияи чунин омӯзгорон дар дохили муассисаҳои таълимии олӣ бояд ҳаматарафа бошад.

Рисолаи номзадии мазкур мустақилона, дар заминаи омӯзиш ва таҳлили амиқи асарҳои сершумори фалсафӣ, равоншиносӣ, педагогӣ ва инчунин таҳқиқи ҳамаҷониба ва ҷамъбасти таҷрибаи педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ ва донишкадаҳо таҳия гардидааст.

Вазифаҳои асосии таълимоти олӣ аз тайёр намудани кадрҳои баландихтисос, ки қобилияти ҳалли муаммои муҳими илмӣ ва методӣ, муаммоҳои психологию педагогиро дар бар мегирад.

Унвонҷӯ бо истифода аз тарзҳои тадқиқотӣ системаи маводи фактологиро таҳлил намуда, натиҷаҳои зарурирро ба даст овардааст.

Маводи таҳқиқот миуаллиф аз 28 мақола ба чоп расонида шудааст, ки 7 тои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастури таълимӣ – методи дар мавзӯи “Физические основы понятия высшей математики и методика их изучения” нашр шуда, мазмуну мӯҳтавои рисоларо дар бар мегирад.

Бо баробари муваффақиятҳои рисола норасоиҳо низ ба назар мерасад, ки тавзеҳ ва мушаххасгардониро талаб менамояд.

Дар рисола кори озмоишӣ дар гурӯҳи назоратӣ ҷамъбаст карда шуда, унвонҷӯ ба хулоса омадааст, ки тасаввуроти донишҷӯён суст инкишоф ёфтааст. Рисолаи номзадӣ баъзе норасогиҳои имлоӣ ва услубиро дорост. Аммо нуктаҳои зикргардида арзишу сифати таҳқиқотро коста намегардонад.

Мавриди зикр аст, ки тадқиқоти диссертатсионӣ кӯшиши таҷдиди назар ба ташаккул додани салоҳиятҳои касбии омӯзгори математика тавассути ҳамгироии фанҳо таҳқиқоти анҷомдода фарзияи пешниҳодшударо тасдиқ кардааст. Вазифаҳои дар тадқиқоти илмӣ гузошташуда, пурра ҳал карда шудаанд.

Мазмун, мундариҷа ва хулосаи диссертатсияи муаллиф дар автореферат ва корҳои илмӣ аз ҷумла, мақолаҳои илмӣ, барнома ва дастури методӣ, маводҳои конференсияҳо ба пуррагӣ инъикос гардидааст.

Рисолаи мазкур - тахассусии анҷомёфта буда, натиҷаҳои он фарогири ҷанбаҳои гуногуни тарбияи маънавии омӯзгорон дар заминаи арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ бошад ҳам, дорои як қатор норасоиҳо мебошад:

1. Муаммои “ҳамгироӣ” аз тарафи олимони тоҷик таҳлил карда нашудааст.
2. Олимони тоҷик, ки дар соҳаи методикаи таълими математика ва физика тадқиқот бурдаанд, дар рисолаи номзадӣ кам дида мешавад.
3.Ислоҳи ғалатҳои имлоӣ, услубӣ, ки дар рисола ба назар расиданд, ҳатмӣ мебошанд .
4. Бозбинӣ ва таҳрири забонии рисола низ муҳим аст.

Бо вуҷуди камбудиҳои зикршуда, ки ҳамаи онҳо ислоҳшаванда буда, ба арзиши илмии рисолаи номзадӣ ягон монеа эҷод намекунад.

Фишурдаи рисолаи номзадӣ дар маҷмӯъ ба аслияти худ пурра мувофиқат мекунад ва он хулосаҳое, ки бо забонҳои тоҷикиву русӣ ва англисӣ оварда шудаанд, ба таври мухтасар бозгӯи рисолаи номзадӣ мебошанд. Ҷоиз ба қайд аст, ки рисолаи номзадии Шарипова Фотима Абдуфаттоевна таҳти унвони «Рушди салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо (дар мисоли фанҳои математика ва физика)» ба ҳамаи талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) арзанда ҳисобида мешавад.

Муқарризи расмӣ, доктори
илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи методикаи таълими
математикаи МДТ "Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ" Нугманов М.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 121.
Тел. 992(37)224-13-83. Моб. (+992) 938647629
email: info@tgpu.tj

Имзои д.и.п., профессор
Нугманов М.- ро тасдиқ мекунам.
Сардори ШК ва КМ- и Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.